АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир-33, тел./факс: (99237) 2211249; 2248981; 2240274
Сомона: www.ahd.tj, почтаи электронӣ: 01-3@ahd.tj; info07-@ahd.tj

**№ 08-1008 аз «20» июни соли 2018**

**Ба №_________аз «____» ________________соли 20__**

Вазорату идораҳо
(тибқи руйхат)

Мавзӯъ: Пешниҳоди лоиҳа барои мувофиқа

Бо арзи эҳтиром иттилоъ медиҳем, ки аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647» таҳия гардида, он мувофиқи моддаи 62 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» барои баррасӣ ба Шумо ирсол карда мешавад.

Хоҳишмандем, хулосаи худро дар мухлатҳои муқарраргардида ба Агентии хизмати давлатӣ пешниҳод намоед.

Замима: Лоиҳа бо забонҳои тоҷикию русӣ ва асосноккунии он дар 8 саҳифа.

Бо эҳтиром,
директори Агентӣ — Ч.Давлатов

Асосноккунии
лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647»

Лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647» аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ҷиҳати иҷрои зербанди 2 банди 7 Нақшаи чорабиниҳо оид ба таъмини иҷрои тавсияҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) барои Тоҷикистон дар доираи Нақшаи амалиёти истамбулии Шабакаи мубориза бар зидди коррупсия барои давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ барои солҳои 2018-2019 (бо қарори Шӯрои миллии муқовимат бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 декабри соли 2017, №2к/86-31 тасдиқ гардидааст) ва зербанди «а» банди 95 гузориши «Баҳодиҳии Лоиҳаи дуюми «Мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ» (аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассосиатсияи байналмилалии рушд аз 15 феврали соли 2016 ба имзо расидааст) таҳия карда шудааст.

Мақсади таҳияи лоиҳаи мазкур аз такмили Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ (бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647 тасдиқ карда шудааст), тақвияти раванди интихоби кадрҳои соҳаи хизмати давлатӣ бо роҳи арзёбии сифатҳои касбӣ ва кории довталабон, алоқаманд намудани Низомномаи мазкур бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба идоракунии захираҳои инсонӣ ва пешгирии зуҳуроти коррупсионӣ ҳангоми интихоби хизматчиёни давлатӣ ва ҷобаҷогузории кадрҳо иборат мебошад.

Дар лоиҳа ҳолатҳои кам намудани асосҳои бе озмун ба мансабҳои холӣ таъин кардани шаҳрвандон, тақвияти ба роҳ мондани санҷишҳои тестӣ бо мақсади таъмини шаффофияти бештар ҳангоми баргузории озмун ва пешбинӣ намудани расмиёте, ки холисӣ ва беғаразиро дар ҷараёни баҳогузории довталабон таъмин мекунад, ба инобат гирифта шудаанд.

Дар робита ба ин дар банди 4 Низомнома сархатҳои ҳафтуму ҳаштум ва нуҳуму даҳум якҷоя карда шудаанд.

Ба сархати сеюми банди 10 принсипи таъмини болоравии мансабии хизматчиёни давлатӣ илова карда мешавад.

Бо мақсади таҳкими меъёрҳои баҳогузорӣ дар банди 37 Низомнома ба ҷойи меъёри баҳодиҳии аз 1 то 10 меъёри баҳодиҳии аз 2 то 5 хол муқаррар гардида, замимаи 2 Низомномаи мазкур (Варақаи баҳодиҳии сифатҳои касбӣ ва кории довталабон) дар таҳрири нав пешниҳод карда шудааст.

Ҳамчунин дар алоқамандӣ ба банди 37 Низомномаи мазкур пешбинӣ гардидааст, ки дар Варақаи баҳодиҳӣ дар сурати навиштани кори хаттӣ - натиҷаи баҳои он дар сутунҳои 5 (донистани забони давлатӣ) ва 6 (донистани забонҳои хориҷӣ) гузошта шуда, дар сутуни 10 (имтиёзи пешбинигардидаи банди 37 Низомномаи мазкур) дар ҳолати мувофиқати довталаб аз ҷониби аъзои комиссияи озмун 3 холи илова гузошта мешавад.

Дар лоиҳа боз дигар тағйиру иловаҳо низ пешбинӣ гардидаанд.

Матни лоиҳаи мазкур ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва қоидаҳои забони давлатӣ мувофиқ гардонида шудааст.

Дар лоиҳа омилҳои коррупсионӣ ҷой надошта, татбиқи он маблағгузории иловагии буҷетиро талаб намекунад.

Барои баррасӣ пешниҳод карда мешавад.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Лоиҳаи

# ФАРМОНИ
# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647
090.020.030

Мувофиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва бо мақсади такмили низоми интихоби кадрҳои хизмати давлатӣ ф а р м о н м е д и ҳ а м:

Ба Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647 тасдиқ карда шудааст, тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

- банди 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ (минбаъд-озмун) ҷиҳати таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-шаҳрвандон) ҳангоми интихоби кадрҳои баландихтисос ва қобилиятнок барои хизмати давлатӣ ва таъмини болоравии мансабии хизматчиёни давлатӣ гузаронида мешавад.»;

- дар сархати ҳафтуми банди 4 пас аз аломати «-» калимаҳои «ҳангоми барқарор намудан ба мансаб ва» илова карда шавад;

- сархати ҳаштуми банди 4 хориҷ карда шавад;

-сархати нуҳуми банди 4 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«-ҳангоми барҳам додан, азнавташкилдиҳӣ, таҷдиди мақоми давлатӣ, ихтисори шумора ё воҳидҳои корӣ бо розигии хаттии хизматчии давлатӣ таъин намудан ба мансаби баробар ё ба мансаби категорияи пасттар дар мақоми давлатии азнавташкилёфта, ҳамон мақоми давлатӣ ё дигар мақомоти давлатӣ;»;

- сархати даҳуми банди 4 хориҷ карда шавад;

- дар сархати сенздаҳуми банди 4 баъди калимаи «аввал» калимаҳои «танҳо дар мансабҳои категорияи ҳафтум» илова карда шаванд;

- дар банди 6 калимаҳои «қарори (фармоиши, амри)» ба калимаҳои «фармоиши (қарори, амри)» иваз карда шаванд;

- сархати сеюми банди 10 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«-таъмини болоравии мансабии хизматчиёни давлатӣ.»;

- дар ҷумлаҳои якум ва дуюми банди 14 калимаҳои «қарори (фармоиши, амри)» ба калимаҳои «фармоиши (қарори, амри)» иваз карда шуда, баъди калимаи «котиб» калимаҳои «бе ҳуқуқи баҳогузории довталабон» илова карда шаванд;

- ҷумлаи дуюми банди 22 дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «Аъзои гурӯҳи мусоидат дар баҳогузории довталабон иштирок намекунанд.»;

- дар сархати шашуми банди 27 рақамҳои «086» ба рақамҳои «038» иваз карда шаванд;

- банди 33 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«33. Сӯҳбат бо довталабон дар вақт ва маҳалли муқарраргардида гузаронида мешавад. Дар ҳолати бо сабаби узрнок тағйир ёфтани санаи гузаронидани сӯҳбат бо довталабон (минбаъд – сӯҳбат), бо протоколи комиссияи озмун сӯҳбат ба вақти дигар гузаронида шуда, дар ин хусус Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, аъзои комиссияи озмун ва довталабон огоҳонида мешаванд.»;

- банди 34 хориҷ карда шавад;

- дар банди 36 калимаҳои «сатҳи дониш ва омодагии касбии» ба калимаҳои «сифатҳои касбӣ ва кории» иваз карда шуда, ҷумлаи охир бо мазмуни зерин илова карда шавад: «Баҳои кори хаттӣ мумкин аст ҳангоми сӯҳбат ба инобат гирифта шавад.»;

- банди 37 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«37. Сӯҳбат бо ҳар як довталаб алоҳида гузаронида мешавад. Дар рафти суҳбат сатҳи донишҳои касбӣ ва қобилияти кории довталабон, ки дар Варақаи баҳодиҳии сифатҳои касбӣ ва кории довталабон пешбинӣ шудаанд, муайян карда мешавад (замимаи 2). Меъёри баҳодиҳӣ аз 2 то 5 хол муқаррар мегардад. Аз натиҷаи суҳбат барои занон ва ҳамчунин шахсоне, ки хизмати ҳарбиро тибқи даъват адо намуда, бори аввал ба хизмати давлатӣ дар мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот қабул мегарданд, се хол илова карда мешавад.»;

- замимаи 2 Низомномаи мазкур дар таҳрири нав пешбинӣ карда шавад (замима карда мешавад);

- дар банди 45 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад: «Муҳлати таъин метавонад бо пешниҳоди асосноки сохтори кадрии мақомоти давлатӣ тамдид карда шавад.»;

- банди 47 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«47. Дар сурати хозир нагардидани довталаб ҳангоми таъин ба мансаб ё аз таъин ба мансаб даст кашидани ӯ, довталаби дигари холи баландтари гузаришро ба даст оварда барои таъин ба ҳамин мансаб пешниҳод карда мешавад ва ё мансаб холӣ дониста шуда, аз нав озмун эълон карда мешавад.».

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шохмахмудов
200612 (AAA)

Замимаи 2

ба Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ

Варақаи
баҳодиҳии сифатҳои касбӣ ва кории довталабон

Номи мақомоти давлатӣ ________________________________________

Номи пурраи мансаб ________________________________________

Санаи баргузории озмун «____» ________________________соли ______

| Р/т | Насаб, ном, номи падари довталаб | Сифатҳои касбӣ | | | | | Сифатҳои корӣ | | Имтиёзи пешбини-гардидаи банди 37 Низомномаи мазкур ** | **Ҷамъи холҳо** | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Донишҳои касбӣ | Донишҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, донистани таърих ва фарҳанг | Донистани забони давлатӣ* | Донистани забонҳои хориҷӣ* | Маҳорати кор бо технологияи электронии муосир | Қобилияти таҳлилӣ, маҳорати суханварӣ | Маҳорати банақшагирӣ ва ташкили кор | | | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
| | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | |

Эзоҳ: *Дар ҳолати навиштани кори хаттӣ натиҷаи баҳои он мумкин аст дар сутунҳои 5 ва 6 гузошта шавад.

**Дар сутуни 10 ҳангоми мувофиқати довталаб ба имтиёзи пешбинигардидаи банди 37 Низомномаи мазкур 3 холи илова гузошта мешавад.

Узви комиссия ____________________ ________________________________

(имзо) (Насаб, ном, номи падар)

Проект

# УКАЗА
# ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

## О внесении изменений и дополнений в указ Президента Республики Таджикистан от 10 марта 2016 года, №647
090.020.030

В соответствии со статьей 56 Закона Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» и с целью совершенствования системы подбора кадров государственной службы постановляю:

1. В Положении о порядке проведения конкурса на замещение вакантных административных должностей государственной службы, которое было утверждено указом Президента Республики Таджикистан от 10 марта 2016 года, №647, внести следующие изменения и дополнения:

- пункт 2 изложить в следующей редакции:

«2. Конкурс на замещение вакантных административных должностей государственной службы (далее - конкурс) проводится для обеспечения равноправия граждан Республики Таджикистан (далее - граждане) при отборе высококвалифицированных и способных кадров на государственную службу и обеспечения карьерного роста государственных служащих.»;

- в абзаце седьмом пункта 4 после знака «-» добавить слова «при восстановлении в должности и»;

- абзац восьмой пункта 4 исключить;

- абзац девятый пункта 4 изложить в следующей редакции:

«-при ликвидации, реорганизации, преобразовании государственного органа, сокращении численности или штатных единиц, назначения на равные должности или должности ниже категорией во вновь образованном государственном органе, в данном государственном органе или в другом государственном органе с письменного согласия государственного служащего;»;

- абзац десятый пункта 4 исключить;

-в абзаце тринадцатом пункта 4 после слова «первый» добавить слова «только на седьмую категорию»;

- в пункте 6 слова «постановлением (распоряжением)» изменить словами «распоряжением (постановлением)»;

- абзац третий пункта 10 изложить в следующей редакции:

«-обеспечение карьерного роста государственных служащих.»;

«-в первом и втором предложении пункта 14 слова «постановлением (распоряжением)» заменить словами «распоряжением (постановлением) и после слова «секретаря» добавить слова «без права выставления оценок»;

- второе предложение пункта 22 изложить в следующей редакции: «Состав группы содействия не имеет право выставит оценки кандидатом.»;

-в абзаце шестом пункта 27 цифры «086» заменить цифрами «038»;

-пункт 33 изложить в следующей редакции:

«33. Собеседование с кандидатами проводится в определенное время и в определенном месте. В случае изменения даты проведения собеседования с кандидатами (далее–собеседование) по уважительным причинам, протоколом конкурсной комиссии государственного органа собеседование проводится в другое время и об этом уведомляются Исполнительный аппарат Президента Республики Таджикистан, уполномоченный орган в сфере государственной службы, члены конкурсной комиссии и кандидаты.»;

-пункт 34 исключить;

- в пункте 36. слова «уровня знаний и профессиональной подготовки» заменить словами «профессиональных и деловых качеств» и последнее предложение добавить следующим содержанием: «Оценка письменной работы может быть учтена во время собеседования.»;

-пункт 37 изложить в следующей редакции:

«37. Собеседование проводится с каждым кандидатом индивидуально. В ходе собеседования определяется уровень профессиональных знаний и деловых качеств кандидатов, представленных в Ведомости оценки профессиональных и деловых качеств кандидатов (приложение 2). Критерии выставления оценок определяются от 2 до 5 баллов. По результатам собеседования для женщин, а также лиц, проходивших по призыву воинскую службу, при первом назначении на государственную службу в государственные органы и органы самоуправления поселков и сел прибавляется три балла.»;

-приложение 2 настоящего Положения предусматривать в новой редакции (прилагается);

- пункт 45 дополнить предложением вторым следующего содержания: «Сроки назначения могут быть продлены с обоснованными предложениями кадровой структуры государственного органа.»;

-пункт 47 изложить в следующей редакции:

«47. В случае неявки кандидата во время назначения на должность или его отказа от должности, другой кандидат, получивший наивысший проходной балл, рекомендуется на назначение на эту должность и/или должность считается вакантной и конкурс объявляется заново.».

Президент
Республики Таджикистан

Приложение 2
к Положению о порядке проведения конкурса на замещение вакантных административных должностей государственной службы

## Ведомость
оценки профессиональных и деловых качеств кандидатов

Название государственного органа_______________________________________________

Полное название должности _______________________________________________

Дата проведения конкурса «_____» __________________________ года_______

| № п/п | Фамилия, имя, отчество кандидатов | Профессиональные качества | | | | | Деловые качества | | Предусмотренный льгот пункта 37 данного Положения** | Общие баллы | Примечание |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Профессиональные знания | Правовые и политические знания, знание истории и культуры | Знание государственного языка* | Знание иностранных языков* | Умение работать на современных информационно коммуникационных технологий | Аналитические способности, навыки красноречия | Навыки планирования и организации работы | | | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
| | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | |

Примечание:*В случае написания письменной работы результаты его оценки могут быть выставлены в колонках 5 и 6.

**В колонке 10 при соответствии кандидата предусмотренным льготам пункта 37 данного Положения выставляется 3 дополнительных балла.

Член комиссии ____________________ (подпись) ______________________________ (фамилия, имя и отчество)